# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба кори диссертатсионии **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** дар мавзуи **"Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)"**, аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод шудааст

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатионӣ аз 19.04.2024, №9 дар бораи сазовор донистани Каримова Дилором Отахӯҷаевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ)**

Диссертатсияи **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** дар мавзуи **"Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №19ш/д) аз 27 январи соли 2024, суратмаҷлиси №8 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Каримова Дилором Отахӯҷаевна 16-уми сентябри соли 1974 дар шаҳри Хуҷанд таваллуд шуда, соли 1997 факултети филологияи тоҷик Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст (диплом №ДТО №0175847).

Аз соли 2000 сарлаборанти кафедраи забони точикй, соли 2005 то 2009 ассистенти кафедра, аз 2009 то 2016 дар кафедраи умумидонишгохии забони точикй муаллими кафедра, соли 2016-2019 дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти точики МДТ-и "Донишгохи давлатии Хучанд ба номи академик Б.Гафуров" ва соли 2019 то имруз хамчун сармуаллим кору фаъолият дорад.

Диссертант Каримова Дилором Отахӯҷаевна унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгохи давлатии Хучанд ба номи академик Б.Гафуров пазируфта шуд.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – “5” (аъло) – 25.10.2022;
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – “5” (аъло) (15.02.2023;
- Ихтисос: 13.00.08.04 – Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ, таҳсилоти касбӣ “5” (аъло) – 05.06.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06.06.2023, №783 додааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Каримова Дилором Отахӯҷаевна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Гафуров аз 31 октябри соли 2019, тахти №3 тасдик шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгохи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Гафуров 15 декабри соли 2023, суратҷаласаи №05 муҳокима ва тасдиқ гардида, барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 3 мақолаи илмии унвонҷӯ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд.

Шӯрои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 27 январи соли 2024 (суратҷаласаи №08) диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба рӯзи ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат тибқи муқаррарот дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 05.02.2024 ҷой дода шудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 19 марти соли 2024 ирсол гардидааст.

Автореферати диссертатсия аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матн 86,44%-ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

**Рохбари илмӣ – Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич –** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **муқарризони расмӣ**:

1. **Шербоев Саидбой -** докторӣ илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

2. **Котибова Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигарии такмили стандарт барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилот дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримова Дилором Отахӯҷаевна баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** дар тақризи мусбати худ, аз 26 марти соли 2024, суратҷаласаи №8, ки онро раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнй, доктори илмҳои филологй, дотсент Қосими Саъди Абдулқодир, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забои ва адабиёти муассисаи мазкур Бобомуродова Маҳбуба Умриевна ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ Каримова Зуҳро Мазиёевна имзо карда, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки мавзуи аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Каримова Дилором Отахӯҷаевна бе шак мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавӣ – асосҳои илмй-методии таълими забони тоҷикй дар факултетҳои ғайрифилологй (дар заминай матнҳои тахассусй) ифода меёбад.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷом ёфта ба ҳисоб рафта, арзиши илмию амалии он муътамаданд. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои дар нашрияҳои илмии такризшаванда нашрнамуда муаллиф ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ ва мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи тачхизот мувофиқат мекунанд.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда, диссертатсия ва фишурдаи он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Бисёр хуб мебуд агар натиҷаҳои таҳқиқот дар муқоиса бо забономӯзии донишҷӯёни факултетҳои дигар - техникӣ, табиатшиносӣ мавриди назар қарор меёфт, то вазъи имрӯзаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар ин риштаҳо низ арзёбӣ мегардид.

2. Муаллифи диссертатсия дар боби якуми рисола дар банди 1.4 вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикиро дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба қалам оварда чунин зикр мекунад: “Омӯзгор дар ҳар як шароити гуфтор ва нутқи шогирдон ҳушёр бошад ва хатоҳоро сари вақт ислоҳ намояд”. Мутаассифона, муаллиф оид ба табиати хатоҳои бештар содиршавандаи нутқи шогирдон ҳарфе намезанад. Дар чунин маврид овардани якчанд мисол афкори муаллифро дар ин самт мушаххастар мекард.

3. Хуб мебуд агар дар рисола банди махсус оид ба роҳу усули луғатомӯзӣ ва истилоҳоти касбии донишҷӯёни риштаи таърих ва ҳуқуқ бахшида шуда, тарзи шарҳу баёни вожаҳои душворфаҳм мавриди ҳалу фасл қарор мегирифт.

4. Дар матни рисола ва автореферат ҷо-ҷо хатоҳои техникӣ, китобатӣ ва имлоӣ дучор мешаванд.

Камбудиҳои зикргардида ба қимати баланди таҳқиқоти анҷом додашуда таъсир намерасонанд.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷом ёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Каримова Дилором Отахӯҷаевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) сазовор мебошад.

**3 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини унвонҷӯ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Каримова Д. Кор бо матнҳои тахассусӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ [Матн] /Д. Каримова // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров, 2015, №4(45). - С. 302-306.

[2-М]. Каримова Д. Активизация учебной деятельности студентов на уроках таджикского языка. [Текст] /Д. Каримова // Номаи донишгоҳи ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров, Хуҷанд, 2016, №2(47). – С. 259-262.

[3-М]. Каримова Д. Ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар таълими забони тоҷикӣ [Матн] / Д. Каримова // Номаи донишгоҳ: Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2022, № 2 (72). -С. 201-206.

**Ба Шӯрои диссертатсионӣ 4 тақриз ба автореферати диссертатсия ворид шудааст. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:**

1. **Ҳ. Дустматов** - доктори илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона. Муқарриз эрод надорад.
2. **Сабуров Убайдулло Садуллоевич** -номзади илмҳои педагоги, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Устод Сабуров У.С. дар такризи худ кайд намудааст, ки дар баробари муваффақиятҳо, дар кор баъзе камбудиҳо роҳ ёфтааст. Чунончи:
   1. Баъзе истилоҳоти норавшан ба назар мерасанд, ки нисбати дарки мазмуни онҳо каме андеша бояд кард.

2. Баъзан иштибоҳоти имлоиву техники ба чашм мерасанд, ки ислоҳ ва бартараф кардани онҳо арзишу аҳамияти илмии корро бештар хоҳад кард.

3. **Ҷалолова З.А.** - дотсенти кафедраи забони давлати ва хориҷии Донишкадаи кӯҳию металлугии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

4. **Ваҳобова Азиза Абдуллоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Каримова Дилором Отахӯҷаевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-023, аз 27 январи соли 2024, №08 тибқи банди 61 Низомнома оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот **таҳлил ва баҳо дода шуда,** истифода бурдан аз шаклу усулҳои муфиди он ҳангоми ҷорӣ намудани асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ **омӯхта шудааст;**

–раванди сифати таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **ошкор ва муайян карда шудааст;**

– самтҳои асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ **ошкор карда шудаанд;**

– асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ ҳангоми банақшагирии корҳои таълимию тарбиявӣ ба таври васеъ **татбиқ карда шудааст;**

– тамоюлҳои рушди асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ **муқаррар карда шудаанд;**

– марҳилаҳои ташаккули моҳият ва мазмуни низоми асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **муайян карда шуда,** ҷанбаҳои педагогию психологии раванди таълим **ба инобат гирифта шудааст;**

– асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ташкил карда шуда, самаранокии он **натиҷагирӣ ва муқоиса карда шудааст;**

– асосҳои илмӣ-методии таълими **таҳия шуда,** рушди тафаккур ва зеҳни донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ **амалӣ карда шудааст;**

– натиҷаҳои таҳқиқот оид ба асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ба тариқи озмоишӣ **мавриди санҷиш қарор дода шудааст;**

– амсилаи (барномаи) намунавии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар асоси маълумотҳои бадастомада **коркард ва пешниҳод шудааст.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ҳаматарафа **мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;**

- проблема ва асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **муайян ва коркард карда шудаанд;**

- самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **аз тариқи баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит карда шудаанд;**

- вазъи коркарди методии масоили вобаста ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **муайян карда шудаанд;**

- дар асоси хулоса ва муқаррароти назариявӣ, ки дар мазмуни диссертатсия инъикос ёфтаанд, барои омӯзгорон тавсияҳои методӣ оид ба таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **коркард ва пешниҳод шудаанд;**

- маҷмӯи махсуси вазъиятҳои проблемавӣ кор карда шудаанд, ки омӯзгорон **метавонанд** дар ҷараёни таълим вобаста ба амалӣ намудани асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **истифода баранд;**

- маводи таҳқиқоти диссертатсиониро **метавон** дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тайёр намудани омӯзгорон **истифода намуд;**

- тавсияҳои илмӣ-методии коркард ва пешниҳодшуда метавонанд тасаввуроти унвонҷӯён ва аспирантонро оид ба масъалаи мазкур **ғанӣ гардонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд **ҳангоми коркарди** ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши донишҷӯён **истифода гардида**, **мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони** соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим **қарор гиранд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

-роҳу усулҳои асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир **коркард карда шудаанд;**

–интихоби афзалиятҳои махсус ҳангоми татбиқи асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ дар ҷараёни таълим **ошкор карда шудааст;**

- барномаи мукаммал бо назардошти хусусияти махсуси таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ **омода гардидааст;**

– мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои махсуси ташкили корҳои гуногуни муасири таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар шароити татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф **муайян карда шудаанд;**

– шаклу воситаҳои рағбат пайдо намудани донишҷуён дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ бо назардошти хусусиятҳои психологӣ, синнусолӣ ва қобилияту шавқу завқи донишҷуён **аниқ карда шудаанд;**

– роҳҳо ва методҳои таъсирбахши таълим, ки ба омилҳои асосӣ ва қонуниятҳои технологияҳои фаъолияти таълимии ба асосҳои илмӣ-методии дар раванди омӯзиши забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ нигаронида шудаанд, **истифода бурда шудаанд;**

– асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ ва аҳамияти он дар ташаккули зеҳни донишҷуён шарҳу тафсир карда шуда, дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ мафҳуми методикаи таълими ҳамчун як қисми таркибии дидактика ҷиҳати рушди инкишофи зеҳнии донишҷуён **асоснок карда шудааст;**

- дар асоси натиҷаҳои амалии таҳқиқот тавсияҳои методӣ **таҳия ва иҷро шудаанд, ки** имконият медиҳанд, бо истифода аз онҳо нерӯи зеҳнии ташккул дода шаванд;

**- тавсияҳои методӣ метавонанд** амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳияи диссертатсияву корҳои дигар илмӣ васеъ **истифода шаванд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо **бо асосҳои зерин нишон доданд:**

– муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, инкишофи нерӯи зеҳнии донишҷуёнро

дар чараёни чорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии донишҷӯён **таъмин менамоянд;**

– натичаи корҳои озмоишӣ-тачрибавӣ бо тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмӯи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми гузаронидани пурсишнома, пурсишҳои даҳонӣ бар меоянд, **ба даст омадаанд;**

– корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои санҷиш ва муқоисакунии маълумоти бадастомада оид ба асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ то озмоиш ва баъди озмоиш **асос ёфтанд;**

- хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ **пешниҳод шудаанд**;

- ба таври кофӣ **далелнок карда шудани** муқаррароти назариявии таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмии педагогию психологӣ ва кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот;

- **натиҷаву дастовардҳои таҳқиқот** бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотию методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, **таъмин карда шудаанд**;

- **таҷрибаи пешқадами** омӯзгорон оӯхта шуда, дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ **мавриди истифода қарор дода шудаанд**;

- **баррасии натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ.;

- **инъикоси муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот** дар мақолаҳои илмии муаллиф;

- **асоснок кардани нуқтаҳо**е, ки дар фарзияи корӣ пешниҳод шудаанд, **муқоиса ва таҳлили натиҷаҳо**и бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, **таҷрибаи шахсии муаллиф** ба сифати ташкилотчии корҳои таҷрибавию озмоишӣ ва омӯзгори муассисаи таълимӣ.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ аз инҳо иборат аст:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмиӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти** назариявӣ ва озмоишӣ, **таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

**- дар истифодаи маҷмӯи зиёди методу воситаҳои таҳқиқ**отӣ вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 19 апрели соли 2024, №9 қарор қабул кард, ки ба **Каримова Дилором Отахӯҷаевна** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 14 нафар, аз онҳо 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ - 14 нафар,
- муқобили додани дараҷаи илмӣ - нест,
- бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Мухаметов Г.Б.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ** **Рузиева Л.Т.**

**19 апрели соли 2024**